**Тақризи роҳбари илмӣ,**

доктори илмҳои филологӣ Сафаров Умархоҷа Раҳимович ба диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи "Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африко, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст.

Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Баъдан солҳои 2016–2018 дар шуъбаи магистратураи факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси шарқшиносӣ (забони форсӣ) таҳсил намудааст. Аз соли 2020 то соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи филологияи Эрони муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси лаборанти кафедраи филологияи Эрон фаъолият дорад.

Дар ҷараёни фаъолияти илмӣ Шодиева Ф. нишон дод, ки мустақилона аз уҳдаи иҷро намудани таҳқиқоти назариявӣ баромада метавонад, ки инро мақолаҳои чопшудаи илмӣ ва диссертатсияи пешниҳод намудааш собит месозад.

Унвонҷӯ Шодиева Ф. Т., ки чаҳор сол қабл мавзуи мазкурро интихоб намуда буд, имсол онро ба поён расонид ва барои муҳокимаву баррасӣ ба кафедра пешниҳод намуд. Бояд зикр намуд, ки мавзуи диссертатсия комилан тоза аст ва то ба ҳол дар эроншиносии ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Дуруст аст, ки шеъри Аҳмади Шомлу ва фаъолияти шоирии ӯ ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон буда ва таълифоти зиёде атрофи он мавҷуд аст, вале гузингӯяҳои шоир ҳанӯз дастнахӯрдаанд. Гузингӯяҳо андешаҳои нодиру кутоҳи шоир перомуни ҷанбаҳои муҳимми адабиёт, хусусан шеъру шоирӣ, рисолати шоир, ҳунар, адабиёт, нақду нақднависӣ,

анвои накд ва ҳамзамон масоили дигаре мисли равшанфикру равшанфикрӣ дар ҷомеа, зиндагӣ ва ғ. мебошанд.

Муҳтавои диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) комилан мувофиқат менамояд**.

Диссертатсия дар инкишофу вусъати таҳқиқоти илмӣ дар пайванд бо шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон шинохту маърифати масири эҷодии шоири муосири Эрон А. Шомлу судманд хоҳад буд. Маводи фароҳамомада ва натиҷаҳои ба дастовардаи диссертант ҷанбаҳои назарии масоили марбут ба шеъри нав ва ҷанбаҳои шинохту омӯзиши гузингӯяҳои адабиро таҳким бахшида, чаҳорчӯби таҳқиқ ва шеваҳои омӯзиши минбаъдаи гузингӯяҳои адабиро дар адабиётшиносии тоҷик мукаммал мегардонад.

Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастовардаи Шодиева Ф. ҷанбаҳои амалии илми адабиётшиносии тоҷикро дар иртибот бо таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд бо адабиёти муосири Эрон, шеъри нав ва сапеди форсӣ, гузингӯяҳои адабӣ тақвият дода, вижагиҳои муҳтавоӣ, зебошинохтии гузингӯяҳои А. Шомлуро баён месозанд.

Гузашта аз ин маводи диссертатсияро зимни навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ ҷиҳати баррасиву арзёбии масоили алоқаманд ва адабиёти муосир, махсусан шеъри наву сапеди форсӣ, дар мавриди дигар паҳлӯҳои камомӯхташудаи шеъри муосири Эрон ва Тоҷикистон метавон истифода намуд.

Ҷанбаҳои назарӣ ва натиҷаҳои андухта аз таҳқиқ дар омӯзишу ҳаллу фасли бисёре аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносии муосири тоҷик ҳамчун замина ва сарчашмаи муътамад метавонад кобили истифода бошад.

Зимни пажуҳиши мавзуъҳои марбут ба шеъри нави тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеърӣ, суннат ва навоварӣ дар адабиёт метавон аз маводи тарҳшуда аз диссертатсия истифода намуд.

Матни гузингӯяҳо, ки дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардидаанд, ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масоили навпардозӣ дар шеър маводи арзишмандаст.

Зимнан таъкид шуда, ки дар эҷодиёти ҳеҷ яке аз ҳамасрони А. Шомлу мавзуи гузингӯяҳо ба ин вусъату густурдагӣ матраҳ нашудааст. Албатта дар осори ҳар шоире метавон теъдоде аз гузингӯяҳо пайдо намуд, вале воқеият ин аст, ки худ шоир аз оғози фаъолияташ ба ин ҷанба диққати вижа мабзул доштааст.

Ба таври умум омӯзиши гузингӯяҳо, дидгоҳҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу дар шинохту маърифати масири эҷодӣ, рушду камоли ҳунарӣ, шахсияти адабӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири форсӣ бисёр пураҳаммият аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва фаслу зерфаслҳои мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **5 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 3 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Масъалаҳои таҳқиқӣ аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳо ва диссертатсия инъикос ёфтаанд. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновнаро дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

филологӣ аз рӯйи ихтисоси: 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, назари инҷониб перомуни диссертатсия, ки ба сарҳади камол расида, мусбат аст ва ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои ҳимоя пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Сафаров У.Р.**
20-уми июни соли 2024.

Суроға: 73400025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
гузаргоҳи 6, кӯчаи Қаҳҳоров, хонаи 11
Телефон: (+992) 98-578-67-11
E-mail: umar_safar@mail.ru

**Имзои Сафаров У.Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
«21» июни соли 2024.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj